# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6DKOA-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Каримов Кадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа (6D020102 -Таърихи фалсафа)

Раванди ҷаҳонишавии бошитоб табодули фарҳангӣ ва маърифатии инсонҳоро дар давоми ду даҳсолаи охир ба ҳам наздик сохта, дар доираи заминаҳои муайяну мушаххаси таърихӣ амалӣ гардонида истодааст. Ба ибораи дигар, он арзишҳое, ки дорои моҳият ва хусусияти умумибашарӣ мебошанд, бунёди сармояи маънавии инсоният буда, омӯзиши онҳо барои пешрафти фарҳангу маънавиёт ва тавсмия ёфтани ҷаҳонбинии инсонҳо хидмат хоҳад намуд. Дар кори диссертатсионии Каримов Қ.О. ин андеша инъикоси худро бараъло пайдо кардааст. Таҳлили муқоисавии таълимоти маорифпарварии ду мутафаккири барҷаста Жан - Жак Руссо ва Аҳмади Дониш аз нигоҳи илмӣ илмӣ ва назариявӣ хеле зарурӣ ва саривақтӣ мебошад. Муҳиммияти кори таҳқиқотии мазкур низ дар он ифода меёбад, ки омӯзиши осори арзишманди маорифпарварон ва омавӣ намудани андешаҳои онҳо барои рафъи мушкилоти масъалаҳои ахлоқӣ ва тарбиявӣ дар ҷомеаи муосири тоҷик, ки дар ҳоли тағйирот аст, хело зарур мебошад. Дар натиҷаи таҳқиқот муаллифи рисола ба хулосае омадааст, ки аз нимаи дуюми асри XX шурӯъ карда омӯзиши осори маорифпарварони Осиёи Марказӣ ба миён гузошта шуда, дар давоми зиёда аз 30 соли истиқлолияти давлатӣ ба таври зарурӣ идома меёбад, аммо сарфи назар аз ин бештари ҷанбаҳои таълимоти маорифпарварони минтақа аз он ҷумла А.Дониш ва таҳлили муқоисавии он бо таълимоти асосгузори фалсафаи маорифпарваронии Аврупо Ж.Ж.Руссо таҳқиқоти ҷудогона сурат нагирифта аст. Аз ин рӯ иқдоми диссертант дар ин ҷода қобили қабул ва дастгирӣ буда, мавзую муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба шиносномаи ихтисоси 6D020102 -Таърихи фалсафа, ки аз рӯйи он шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, мутобиқат мекунад.

Мақолаҳои нашрнамудаи диссертант Каримов Қ.О муҳтавои кори

диссертатсиониро инъикос менамоянд, зеро ки дар онҳо масъалаҳои консепсияи тарбияи табии Жан Жак Руссо, пайдоиши маорифпарварӣ дар Фаронса ва Осиёи Марказӣ: умумият ва фарқият онҳо, ихтилофи байни зиндагии табиӣ бо зиндагии мутамаддин аз дидгоҳи Жан Жак Руссо ва таъсири ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Аҳмади Дониш дар ташаккули афкориислоҳотхоҳии ҳамасрон ва мутафаккирони баъдӣ баррасӣ гардидаанд, ки онҳо дар диссертатсия мукаммал инъикос ёфтаанд.

Диссертатсияи Каримов Қ.О. дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, мустакилона навишта шудааст ва ба мавзуи мубрами рӯз, яъне баррасии низоми таълиму тарбия тааллуқ дорад. Диссертатсия талаботҳоеро, ки нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия тааллуқ доранд дар бар мегирад ва диссертант мавқеи дурусти таҳқиқотӣ ва методологиро интихоб намуда, мафҳумҳои меҳварии ду мутафакирро дар доираи низоми муайян банду баст намудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ бо истифода аз номгӯйи муайяни адабиёти илмӣ ва маъхазҳо пешниҳод шудааст. Мавқеи пешниҳодкардаи диссертант дар матни кори диссертатсионӣ илман асоснок карда шудааст. Кори диссертатсионӣ баёнгари он аст, ки муаллифи он дорои қобилияти илмӣ буда, муваффақ шудааст, ки моҳияти илмӣ ва фалсафии мавзуъро баён созад. Болотар аз ин ба мақсади дар амал татбиқ намудани натиҷаҳои рисола пешниҳодҳои мушаххасро пешкаш намудааст.

Коммисияи экспертӣ ба хулосае омад, ки диссертатсияи Каримов Кадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020102 - Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, ба тамоми талаботи таҳқиқоти илмӣ, муқаррароти муайянкардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгӯ мебошад ва ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 барои ҳимоя карданд қабул карда шавад.

Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ оид ба диссертатсияи Каримов Кадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш»

барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020102 -Таърихи фалсафа, мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Мирзоев Ғаффор Ҷабборович- доктори илмҳои фалсафа, мудири кафедраи фалсафаи Раёсати АМИТ;

- Амондуллоев Бекмурод Саломатуллоевич - номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи ичтимоии Донишгоҳи миллии Точикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абӯҳанифа Нуъмон ибн Собит тавсия дода шавад.

- Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

- Пешниҳод карда мешавад, ки барои нашр ва паҳнкунии автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Каримов Кадриддин Облобердиевичро дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 6D020102 -Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР ҚАРД:**

1. Диссертатсияи Каримов Кадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили мукоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш», ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 6D020102 -Таърихи фалсафа ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D020102 -Таърихи фалсафа мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Мирзоев Ғаффор Ҷабборович- доктори илмҳои фалсафа, мудири кафедраи фалсафаи Раёсати АМИТ;

- Амондуллоев Бекмурод Саломатуллоевич - номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи ичтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абўҳанифа Нуъмон ибн Собит тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа Шамолов А.Л.

**Аъзои комиссия экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа Назариев Р.З.

доктори илмҳои фалсафа Ниёзӣ Ё.Б.

“19” 02 соли 2025